Мл тоҷ 2
Т-13

НАЗАР ТАБАРЗОДАИ ДЕҲБАЛАНДӢ



# БОБОИ МАН ДЕҲҚОН АСТ

# 90 сол



***НАЗАР ТАБАРЗОДАИ ДЕҲБАЛАНДӢ***

Мис т072
Т-13

НАЗАР ТАБАРЗОДАИ ДЕҲБАЛАНДӢ

# БОБОИ МАН ДЕҲҚОН АСТ

(Барои бачаҳои синни мактабӣ)



«Матбуот»
Душанбе
2010

ББК -84 -7 5 (Точик)
Т-13

**Назар Табарзодаи Деҳбаландӣ. «Бобои ман деҳқон аст». ҶСНК «Матбуот. Душанбе – 2010, 36 саҳифа.**

7721-тӯҳфа
аб

**Муҳаррир** — **Н. Салимов**
**Муҳаррири техникӣ** — **Т. Исмоилов**
**Тарроҳ** — **Рамзия**

Ба чоп 12.07.2010 с. имзо шуд. Формат 60х84 1/16. Қоғази офсетӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,25. Адади нашр 5000.Супориши № 82.

ҶСШК «**Матбуот**»-и Вазорати фарҳангии
Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.
734025 ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37

**© Н. Табарзодаи Деҳбаландӣ, 2010 с.**

# САРСУХАН

Назар Табарзодаи Деҳбаландӣ... Ин ном ба бачагони солҳои 60-80-уми асри гузашта хеле ошно ҳаст. Ашъори ин шоирро, ки бо номҳои «Автобуси лаҷомдор» «Ирфон», с. 1964; «Сайри кӯҳсор» «Ирфон», с. 1969; «Гулҳои сабз»; «Харбузаи барги най» «Адиб» , с. 2005, ки аз чоп баромада буд, хело дӯст медоштанд ва ҳамаи шеърҳояшро азёд медонистанд. Чашми тез ва табъи шӯхи шоир барои хонанда аҷоиботи зиндагиро кушода медиҳад.

Ногуфта намонад, ки шоир соли 2008 ашъори нави худро ба номи «Рӯҳафзо» аз чоп бароварда буд. Ва инак шоири шӯхтабиати мо Назар Табарзодаи Деҳбаландӣ ашъори навашро пешкаши хонандагони хушзавқаш мекунад, ки ин ба арафаи 90-умин солгарди шоир рост омад. Мо, ноширон ба устод умри дарозу саломатии бардавом орзӯ намуда, аз устод ашъорҳои нави шӯхиомезу ширинро интизорем. Илоҳо, насли ҷавони асри мо низ аз хондани ин маҷмӯаи ашъори шоир ҳаловат барад.

*Муҳаррир*

# МО ҲАМРОҲИ РОҒУНЕМ

Мо ҳамроҳи Роғунем,
Бо ҳамдигар ҳамхунем.
Дар кору бори барқаш,
Ҳамчун гӯшту нохунем.

Мо бачагони мактаб,
Аз саҳари то ба шаб.
Хубу аъло мехонем,
Техникаро медонем.

Роғун чароғи мо аст,
Намедиҳемаш аз даст!
*10.02. 2010*



## АНКАБУТИ ХАРОБА

Анкабути хароба,
Шикам пури калоба.
Бофад тӯри гулдӯзӣ,
Барои ризқу рӯзӣ.
Бериштаву бесӯзан,
Танҳо бо ғози даҳан.

## РӮБОҲИ ШУМ

Рӯбаҳ хурӯса бурдак,
Дар паси теппа хӯрдак.
Мурғхона буд дар ҳота,
Сад чӯҷа шуд беота.



## ҲУТҲУТАК

Хабар овард ҳутҳутак,
Дар Вахши мо тут пухтак.
Соҳибаш намонд хӯрем,
Бозор овард, фурӯхтак.

## НОМИ ДОДОИ МАН МЕРГАН

Номи додои ман Мерган,
Камон надорад дар арқан.
Аз ӯ наметарсад хирсак,
Ҳатто сагбачаву пишак.
Ангурҳои ҳавозаро,
Аз хона то дарвозаро.
Гуничишку майна мехӯрад,
Вай парвою ғам надорад.
На тир дорад, на камон,
Чаро Мерган будаст он?

# ЖИГУЛИ ЭРКА БУДАСТ

Қосим аз деҳа омад,
Писарча дар пушттора.
Аз раҳ мошин баромад,
Жигули дар пушттора.

Писарча гуфт: – Отаҷон,
Жигули эрка будаст.
Монанди хоҳарамон,
Падараш хандиду гуфт:

**Монанди хоҳарат не,**
**Монанди худам гӯй.**

# ГУРГИ БУРИ МУТТАҲАМ

Гургак бузакро бурдаст,
Бо бачаҳояш хӯрдаст.
Бузак ҳаллов назадаст,
Бонги халос назадаст.
Ҳалака шақ-шақ кардаст,
Чанд дарро тақ-тақ кардаст.
Сагчаро хабар додаст,
Бар дасташ табар додаст.
Гӯрбача мияв гуфтаст,
Очаша нарав гуфтаст.
Гурги бӯри мутаҳам,
Бо бачаҳои бегам.
Сагчаро ногаҳ дидаст,
Аз ӯ бисёр тарсидаст.
Ба хона даромадаст,
Дигар берун наомадаст.



## НАБЕРАҲО

Муҳаёву Дилшода,
Хушрӯянду озода.
Боги бобо меоянд,
Пурсида медароянд.
Духтарчаҳои хубанд,
Рӯи долон мерӯбанд.
Мешӯянд дегу коса,
Як каса не, ду каса.
Себу ангур мехӯранд,
Ба хонаашон мебаранд.

## МЕРАВИЮ МЕРАВӢ

Эй оби шӯхи дарё,
Хонаи ту дар куҷо?
Аз дараи Камаров,
Гузашта аз деҳи мо.

Медавию мёдавӣ,
Меравию меравӣ.

Бар мо намедиҳӣ гӯш,
Меравӣ тезу хомӯш.
Аз оби ширини худ,
Моро намегӯӣ нӯш.

Медавию медавӣ,
Меравию меравӣ.

## ШЕЪР – ЧИСТОН

Хонандагони хурдсоли ман, дар ин шеъри беқофия номи як ид дубор навишта шудааст. Касе ёбад кадом ид аст. Ман ба ӯ мукофот медиҳам.

Ибод, ту кора кардӣ,
Сурат гирифтаӣ махсус.
Туро сурат базебаст,
Имзо карда гирифтӣ.
Қосим ту рафти қишлоқ,
Латиф омад бо Камол,
Омад Кариму Мирзо.
Лола ҳам бо Мирзохол,
Илҳом мекард шодӣ.
Ятиму ҳам Марзия,
Тағою ҳам Ҳикоят.

*Кӯчаи Заҳматобод, 245*
*Назар Табарзодаи Деҳбаландӣ*

# МАГАР БАҲОР АДО ШУД

Ҳай хуршеди сӯзон шуд,
Абрак куҷо пинҳон шуд?
Боронгари боғайрат,
Моро монда дар ҳайрат.
Чаро намеояд зуд!
Баромад аз замин дуд.
Боронгарӣ ҳам кам шуд,
Гулу сабза бенам шуд.
Вой-вой кори беҷо шуд!
Магар баҳор адо шуд?



## ҚОЛИНИ ЗЕБОИ МАН

Бингар ба қолини ман,
Бобои Ленини ман.
Дар дастакаш китоб аст,
Китоби инқилоб аст.
Китоби бахти инсон,
Китоби нони арзон.
Китоби оламият,
Китоби одамият.
Китоби рӯшноӣ,
Китоби ошноӣ.
Аз рӯи адлу инсоф:
Раҳмат ба ин қолинбоф.

## ТУ ҚАҲРАМОН БИГӮЯНД

Ман духтари камолам,
Бо меҳнати ҳалолам.
Аз пахтаҳои хандон,
Чида орам бо домон.
Резам дар рӯи хирман,
Он гаҳ бинад марду зан.
Ту қаҳрамон бигӯянд,
Қарсакзанон бигӯянд.

# ЭЙ ЛОЛАИ ЁБОӢ

Эй лолаи ёбоӣ,
Аз боғи мо ҷудоӣ.
То кай кунӣ сабурӣ,
Дар гӯшаҳои дурӣ?
Аз дидаҳои мардум,
То кай ту монӣ маҳрум.
Биё гапи маро гир,
Туро барам аз адир.
Дар боғамон шинонам,
Хору зорат намонам.
Абрак борон надорад,
Дар тобистон наборад.
З-ин ҷо кӯчида рафтааст,
Туро надида рафтааст.



## РАҲМАТ БАР ТУ ДУХТУРҶОН

Очаҷонам касал буд,
Ду дасту пояш шал буд.
Дар бистари беморӣ,
Дар панҷаи аҷал буд.

Раҳмат бар ту духтурҷон,
Духтурҷони меҳрубон.
Аз доруҳои зӯрат,
Очам бишуд раҳгардон.

Модарҷонам сиҳат шуд,
Бардаму бақувват шуд.
Хӯроки ману Зебо,
Таоми болаззат шуд.

## ОБАКИ ШӮХИ ШИРИН

Обаки шӯхи ширин,
Дили ту софу бекин.
Хуш босафо меоӣ,
Гӯй, аз куҷо меоӣ?
– Меоям аз таги санг,
Аз ҷои торику танг.
Шому саҳар давида,
Хоби ширин надида.
То ту оӣ ба сӯям,
Дасту рӯят бишӯям.
Ташна монӣ бинӯшӣ,
Шӯи либосу пӯшӣ.

Меоям аз таги санг,
Аз ҷои бехоку чанг.

## ҶОНИ БОБО

Ҷони бобо  сари даст,
Нонро нахӯр убол аст.
Мағзаконаш меафтад,
Дар зери по мемонад.
Ризқи ту мешавад кам,
Беҳуда мехӯрӣ ғам.
Муҳтоҷи он мешавӣ,
Бенон гирён мешавӣ.
Маро хиҷил мекунӣ,
Ҳам дарди дил мекунӣ.
Туро ман лат мекунам,
Дуои бад мекунам.
Ту рафта хӯр ошу нон,
Дар лабаки дастархон.
Ошу нонро ширин гӯй,
Бикарди сер омин гӯй.





7721-тухфа

## СИТОРАҶОН, СИТОРА

Ситораҷон, ситора,
Рӯзона дар куҷоӣ?
Хоҳам туро бубинам,
Шабона менамоӣ.

Аз равшании хуршед,
Ҳар чи шавад намоён.
Аммо надонам аз чӣ,
Гардӣ ту аз ӯ пинҳон.

Шабона мебароӣ,
Барои ту кӣ зор аст?
Ин шаҳру деҳаи мо,
Бе ту ситоразор аст.

# ТОЯК

Тояк, тояк медавӣ,
Пеши очат меравӣ?
Очаи ту дар галла,
Мехӯрӣ шири фалла?
Оча дорӣ, ту мастӣ,
Дили маро шикастӣ.
Очаи ман мурдагӣ,
Алам ба дил бурдагӣ.
Бингар, оча надорам,
Зӯри поча надорам.
Ана, ту оча дорӣ,
Ҳам мағзи поча дорӣ.



## ТИРИ АДУИ МУРДОР

Як села кафтар омад,
Аз раҳ боло фаромад.
Як кафтараш якпо буд,
Аз кафтарон қафо буд.
Кӣ медонад пои ӯ,
Аз тири марди бадхӯ.
Калта шуда фитодаст,
Ӯ ё ки модарзод аст.
Ё ранги бобои ман,
Пояш рабуда аз тан.
Ҷанги фашисти хунхор,
Тири адуи мурдор.

## АЗ РӮИ ОДОБ

Эй хуршеди гармакак,
Дар замини  нармакак.
Гармии худ ато кун,
Сармо аз ӯ раҳо кун.
Баҳор ояд гул дамад,
Шодӣ ояд гам рамад.
Абрро накун ту болин,
Бас бошад хоби ширин,
Онҳоро таҳ карда ҷуқ,
Тал кун дар рӯи сандуқ.
Рӯзона мекунӣ хоб,
Нест ин аз рӯи одоб.

## САБАДЧА ГИРЯ ДОРАД

Ноку себи хушрӯяк,
Хушрӯяку хушбӯяк.
Очам аз бозор овард,
Бо як ҳоли зор овард.
Борат ҷудо вазнин буд,
Тахмин як пуд барин буд.
Додарчаҳоям диданд,
Ҷониби ӯ давиданд.
Пас бе иҷозати ман,
Меваҳоро дар доман.
Дарав-дарав бардоштанд,
Дар сабадча нагзоштанд.
Гуфтам ба додарчаҳо:
Себу ноки багалро.
Дар сабадча бимонед,
Меҳмон меояд, донед.
Сабад мева надорад,
Бинед ӯ гиря дорад.

## САРВИНОЗИ ХУРДАКАК

Нест аз меҳмоне дарак,
Сарвинози хурдакак.
Гар пеши дарро рӯбад,
Касе дарро мекӯбад.
Хеста кушоям дарро,
Берун барорам сарро.
Тағоҷонам меояд,
Бобоҷонам меояд.
Очаҷонам мепазад,
Таомҳои болаззат.
Хонаро ман бирӯбам,
Касе намеояд ҳам.
Гаҳ - гаҳ рӯбад Сарвиноз,
Меҳмонҳо меоянд боз.

# ҒАМХОРИ МОДАР

«– Эй баччаи азизам,
Боақлу ботамизам.
Чаро намекунӣ хоб.
Нигаҳ дорӣ ту маҳтоб»
«Оча, чӣ гуна хобам.
Роҳат чӣ гуна ёбам?
Ту ҷар шудӣ ба ғоре,
Дар ғори обшоре.
Аз хоб гашта бедор,
Туро надида ночор.
Дар бистарам нишастам,
Дил дар роҳи ту бастам.
Куҷо будӣ надидам,
Овозакат нашнидам?
Чи гуна омади ту,
Аз ғори шуми бадрӯ?»
«– Охир ту хоб дидӣ,
Дар ғор об дидӣ,
Хобу хаёли ботил,
Берун намо ту аз дил.
Ман дар даруни хона,
Сар менамудам шона.
Биё ба бистари нарм,
Хобидаву бишав гарм».
«–Эй очаҷони шодам,
Туро аз даст додам.
Акнун, ки омади ту,
Хона даромади ту.
Боз наафтӣ дар об,
Дигар намекунам хоб».

# УҚОБ ОЯД КИШ ГӮЯМ!

Чӯчаи кабки дарӣ,
Ман туро бонӣ дорам.
То ту калонак шавӣ,
Дони арзонӣ дорам.

Уқоб ояд, киш гӯям!
Сари туву гишт гӯям!
Гурба хапак биёяд,
Калтак зада, пишт гӯям!

Чунки бемодар ҳастӣ,
Ба ҷон баробар ҳастӣ.
Агар туро набонам,
Нодону бесар ҳастӣ.



# БОБОИ МАН ДЕҲҚОН

Дар аввали моҳи май,
Дар пеши ҷӯи тӯғай.
Бобоҷонам коридаст,
Харбузаи барги най.

Раис омад диданӣ,
Гуфт: «Палак шиданӣ.
Дар моҳи август оем,
Харбузаро чиданӣ».

Бобоҷони ман деҳқон,
Падарам шогирди он.
Мефурӯшад дар бозор,
Харбузаҳои калон.

Харбузаи барги най,
Шарбат барин, бай, бай, бай!



## ИН МОДАРИ МАН ОХИР!

Кӯшидему, кӯшидем,
Мо бузакро ҷӯшидем.
Ба ҷои оби чашма,
Шири варо нӯшидем.

Бузғолааш маас гуфт,
Камтар бичӯш бас гуфт.
Бар шири модари худ,
Ман ҳам дорам ҳавас гуфт.

Аз ман паноҳ, мекӯшед,
Шому саҳар мечӯшед.
Ин модари ман охир!
Шири маро нанӯшед!

Шумо калонед охир,
Шарм аз худ доред охир.
Ман нав даҳрӯза шудам,
Чаро бераҳмед охир!

## ЛАЪНАТ БАР ПАДАРИ ҶАНГ!

Лаънат бар падари ҷанг!
Лаънат бар тиру туфанг!
Бобома бепо кардаст,
Майнаша беҷо кардаст.
Аз чашми пури ашкаш,
Аз ҷисми ҳамчу машкаш.
Ғам дар дилаш мезояд,
Раҳми ҳама меояд.
Лаънат бар падари ҷанг,
Лаънат бар тиру туфанг.



# ГАНУДУМИ МИТТАДОР

Андар кафи дасташ Амон,
Як гандуми сурхи калон.
Оварда пеши модараш,
Гуфто бубин: – Ҷон дорад он.

Гарчи надорад пою даст,
Меҷунбад ӯ гоҳе ба шаст.
Модар бигуфто: – Эй Амон,
Бин, дар дарунаш митта ҳаст.



## ЧИ -ГӢ, ЧИ - ГӢ БУЗИЧА

Чи –гӣ, чи - гӣ бузича,
Бузичаи беоча.
Ошно нашав бо гӯрба,
Бо гӯрбаи лавтӯрба.
Саг ӯро шӯм мебинад,
Ҳамроҳаш намешинад.
Ҷӯра шавӣ бо саг шав,
Ҳар ҷо равӣ бо саг рав.
Гарчӣ номаш бад бошад,
Некиаш беҳад бошад.

## ДУ РӮИ ЧАППА ДОРАД

Чаро, эй ҷони бобо,
Чаппа мондӣ нонатро?
Ту қадри нонро бидон,
Гиру бӯсу рост мон.
– Эй species бобоҷон, мебахшед,
Ин қотурма, нигаред.
Ду рӯи чаппа дорад,
Ду рӯи ката дорад.
Қотурма ҳам, ки нон ҳаст,
Ба мо роҳати ҷон аст.

## НАНОГУЛИ ЁБОӢ

Наногули ёбоӣ,
Хушбӯяку зебоӣ.
Дар рӯзаки баҳорон,
Гул мекунӣ фаровон.
Бӯи ту бӯи хосса,
Туро монам ба коса.
Дар хона бӯ барорӣ,
Хуб аз лиму барорӣ.
Дар хона бӯ шинонӣ,
Моро бе бӯ намонӣ.



## СОЯИ БЕД

Бедаки сербарга бин,
Сояаш хубу салқин.
Дар тобистони сӯзон,
Шамолакаш ях барин.

Ҳар кас он ҷо нишинад,
Ҷонаш роҳат бубинад.
Дар таги тоқӣ монад,
Барге аз ӯ бичинад.

Сараш салқин мешавад,
Дилаш таскин мешавад.
Бо вақти хуш аз он ҷо,
Ба деҳоташ меравад.

## ОЛУЧАИ САҲРОӢ

Олучаи саҳроӣ,
Чаро ин ҷо танҳоӣ?
Зимистон нав баромад,
Баҳор ҳоло наёмад,
Биё гапи маро гир.

Туро барам аз адир,
Дар богамон шинонам,
Хору зорат намонам,
Гул кардаву бихандӣ,
Бар мо олуча бандӣ.

# МАН МЕШАВАМ АСОЯШ

Ҷони оча, ту бишнав,
Рав бо тағоят Маскав.
Дар вақти таътили худ,
Бақуввату бардам шав.

– Оча, аз пеши бобо,
Намеравам ба ҳеҷ ҷо.
Хоҳад равад ба кӯча
Аз барои тамошо.

Набошад дар хона кас,
Кӣ меорад варо пас?
Ман меравам диғар бор,
Тағо худаш равад бас.

Ош мепазам барояш,
Мешӯям либосҳояш,
Гар бар кӯча бараояд,
Ман мешавам асояш.

## ПАДАР МАРО ПАНД ОМӮЗ

– Падар маро панд омӯз,
Панди баландам омӯз.
То нашавам бемазза
Пандӣ чу қандам омӯз.

Бо танбалон нашинам,
Ман онҳоро набинам.
Гар бо онҳо шинам ман,
Бо химчае маро зан.

Асри техника омад,
Дар ҳама ҷо фаромад.
Дар мактабаш нахонам,
Аз он ғофил мемонам.

Техника роҳати мо,
Аъло мехонем онро.
Бе техника харобем,
Ҳамеша дар азобем.

Мо, ки бо он ҳамрозем,
Бо дасти худ месозем.
Осон мешавад меҳнат,
Бар мо медиҳад роҳат.



Духтари муалиф Дилафрӯз бо набераи муаллиф Дилшодаи Дилшод



Набераҳои ширини бобо:
Лоиқ, Нозия, Парвина

## МУНДАРИЧА

Сарсухан........................................................ 5
Мо ҳамроҳи Рогунем........................................ 6
Анкабути хароба ............................................. 7
Рубоҳи шум ...................................................... 7
Ҳутҳутак.......................................................... 8
Номи додои ман Мерган.................................... 8
Жигули эрка будаст.......................................... 9
Гурги бури муттаҳам........................................ 10
Наберaҳо ......................................................... 11
Меравию меравӣ.............................................. 11
Шеър – чистон................................................. 12
Магар баҳор адо шуд........................................ 13
Қолини зебои ман.............................................. 14
Ту қаҳрамон бигӯянд ....................................... 14
Эй лолаи ёбоӣ ................................................. 15
Раҳмат бар ту духтурҷон.................................. 16
Обаки шӯхи ширин........................................... 16
Ҷони бобо........................................................ 17
Ситораҷон........................................................ 18
Тояк................................................................. 19
Тири адуи мурдор............................................ 20
Аз рӯи одоб..................................................... 20
Сабадча гиря дорад.......................................... 21
Сарвинози хурдакак......................................... 22
Ғамхори модар ................................................ 23
Ӯқоб ояд киш гӯям........................................... 24
Бобои ман деҳқон............................................. 25
Ин модари ман охир ........................................ 26
Лаънат бар падари ҷанг ................................... 27
Гандуми миттадор............................................ 28
Чӣ-гӣ, чи-гӣ, бузича.......................................... 29
Ду рӯи чаппа дорад........................................... 29
Наногули ёбоӣ ................................................. 30
Падар маро панд омӯз...................................... 33